## Ифтитоҳи маркази тестӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Рӯзи 12 декабри соли 2018 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии ҶДММ “Хуаксин Ғайюр Семент”-и Ҷумҳурии мардумии Хитой ифтитоҳи маркази тестӣ баргузор гардид.

Бояд зикр намуд, ки маркази мазкур бо дастгирии молиявии фонди Хуаксин Семент “Ман Тоҷикистонро дӯст медорам ” таъсис ёфта, бо таҷҳизоти компютерӣ ҷиҳозонида шудааст.

Дар ифтитоҳи Маркази тестӣ муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода А., муовини Вазири маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода Б., вице-президенти Ширкати Хуаксин Семент хонума Лю Юнься ва ректори донишгоҳ Амонзода И. суханронӣ намуда, ба Ширкати мазкур ҷиҳати дастгирии молиявӣ дар таъсиси марказ изҳори минатдорӣ карданд.






 

Дар маросими ифтитоҳи маркази тестӣ донишҷӯёни донишгоҳ ва хонандагони литсеи инноватсионии «Душанбе» бо барномаи фарҳангӣ баромад намуданд. Факултету кафедраҳои донишгоҳ натиҷаи корҳои эҷодӣ, ихтирооту навгониҳои худро ба намоиш гузоштанд